**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна оиди мавзуи "Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Афзун гардонидани истеҳсоли умумии пахта ва баланд бардоштани ҳосилнокии он бо истифодаи навъҳои нав ва дурагаҳои гетерозисӣ талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноати нассоҷӣ мебошад. Зеро муҳимтарин омили баланд бардоштани ҳосилнокии пахта бадастории навъҳои устувору серҳосил дар айни замон ҳамчун масъалаи мубрам боқи мондааст.

Дар кори диссертатсиони унвонҷӯ Разоқова Ф. С. таҳқиқоти беҳтарин намудҳои ирсияти хоҷагидорӣ пуркимати дар навъҳои дурагаҳои дохили намуди аз ҷиҳати ҷуғрофи дури пахтаи миёнанах дарҷ гардидааст. Аз ин ру мавзуи кори диссертатсионӣ бисёр муҳим ва актуалӣ буда бори нахуст дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ирсияти аломатҳои арзишноки хоҷагидории дурагаҳои дохили намудии $F_1$ ва $F_2$, ки дар мавриди дурагакунии навъҳои ватании серҳосили пахтаи миёнанах бо намунаҳои ҷуғрофӣ дур ба даст оварда шудаю бо аломатҳои арзишноки селексионӣ тавсиф меёбад, таҳқиқ карда шуд. Ҳамчунин бори аввал дар шароити Тоҷикистон коэффитсиентҳои ирсияти дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ аз нигоҳи аломатҳои морфологӣ, физиологӣ ва хоҷагидорӣ муайян карда шуд.

Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот ва гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, ҳисоботӣ, коркарди маълумотҳо, аз рӯи натиҷаҳои корҳои илмию тақиқотӣ тибқи методикаи гузориши таҷрибаҳои саҳроии Б. А. Доспехов ва таҳқиқоти генетикию селексионии пахта тибқи нишондодҳои Н. Г. Симянгулян, Г.С. Зайтсев, намуди пахтаи G. hirsutum L. ва навъҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ ба даст овардани комбинатсияи дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ истифода бурда шудаанд пешниҳод кардааст.

Дар қадамҳои дигари таҳқиқот муаллиф имкониятҳои пурзур кардани тибқи маълумоти ҳама навъҳои волидайнии аз рӯйи аломатҳои арзишноки хоҷагидорӣ интихоб гардида исбот намудааст, ки қобилияти комбинатсионӣ хусусияти генотипии навъ ё шаҷарае мебошад, ки ҳангоми дурагакуни ба дигар навъҳо сифати беҳтаринашро ба насли дигар мегузаронад. Бо назардошти он, ки намунаҳои волидайнӣ ба навъҳои қобилияти комбинатсионӣ умумии баланд ва хусусияти ирсӣ дорад, дар мавриди баҳодиҳи ба сифати намунаҳои модарӣ дар таҷрибаи 4 навъи селексияи туркӣ: «Сахин-2000», «Наппа-122», «Аудин-110», «Назилли-84-S» истифода намуда дар соли 2015 дар парваришхонаи дурагаҳои $F_1$ «Сахин-2000», «Наппа-122», «Аудин-110» қобилияти умумии комбинатсионӣ зоҳир намудаанд. Дар соли 2016 қобилияти баландии умумии комбинатсионӣ аз нигоҳи тезрасӣ дар парваришхонаи дурагаҳои F2 «Наппа-122» х «Назилли-84-S» ва «Сахин-2000» х «Назилли-84-S» ба

қайд гирифта шудааст, ки дурагаҳои гетерозисии ба даст овардашудаашро баҳои илман асоснокшуда додааст.

Хулосаву тавсияҳо ва истеҳсолотро муаллиф дар асоси таҳлилҳои илман асоснокшудаи таҳқиқот ва маводҳои воқеии таҷрибаҳои илмии саҳрой ва истеҳсолӣ таҳия намудааст. Доир ба мавзуи диссертатсия 17 мақолаи илмӣ дар маҷмуи маводҳои конференсия ва семинарҳои гуногуни байналмилалӣ аз он ҷумла 7-тои он дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Кори диссертатсияи номзадии Разоқова Фотима Сафармадовна дар сатҳи баланди илмӣ ба иҷро расонида шудааст. Ҳангоми мутолиаи автореферат, баъзе ғалатҳои техникӣ ба мушоҳида расидаанд, ки онҳо ислошаванда буда, қимати кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳад.

Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, №567). Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда, дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда ба пурраги шарҳ дода шудаанд.

Бо назардошти ҳамаи гуфтаҳои дар боло овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки кори таҳқиқотии Разоқова Ф. С., кори илмиии баанҷомёфта буда дар асоси талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

Профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Растанипарварӣ ва зироаткории умумӣ — Сатторов Р.Б.

Имзои Сатторов Р.Б. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э. Ш.

Суроға:734025, шаҳри Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 17; ДМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел: (+992)221-77-11, тел/факс:227-15-10
info@tnu.tj,сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj

20.11.2023. сол